# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Дастурамал__“Оид ба талаботи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти иттилоот ҳангоми ташкили фаъолияти Бюрои таърихи қарз”

Лоиҳаи Дастурамали №__“Оид ба талаботи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти иттилоот ҳангоми ташкили фаъолияти Бюрои таърихи қарз” баҳри мушаххас намудани муқаррароти умумии конунгузорӣ дар самти муайян намудани талаботи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин таъмини амнияти иттилоот ҳангоми ташкили фаъолияти Бюроҳои таърихи қарз, таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии Дастурамали мазкурро қисми 2 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои танзим ва назорат фаъолияти Бюроҳои таърихи қарз масъул буда, вале тибқи қонунгузории амалкунанда дар ин самт барои таъмини ҳимояи ҳуқуқи субъектони қарз ва истифодабарандагони иттилоот ба таври мушаххас меъёрҳои аниқ муқарраршуда мавҷуд нестанд.

Талаботи Дастурамали мазкур бо мақсади мушаххас намудани муқаррароти умумии қонунгузорӣ оид ба талаботи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин таъмини амнияти иттилоот ҳангоми ташкили фаъолияти Бюроҳои таърихи қарз муқаррар карда мешавад.

Боиси тазаккур аст, ки масъалаҳои мазкур тибқи қонунгузории ҷорӣ дар самти таърихи қарз бо таври умум танзим гардида, санади меъёрии ҳуқуқии махсуси танзимкунандаи дар ин самт то ба айни ҳол мавҷуд набуд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)» масъалаҳои мавҷударо дар самти ҳифзи иттилоот ва пешниҳоди он бо таври умум пешбинӣ менамоянд, ки барои танзими пурра ва ҳамаҷонибаи он нокифоя мебошад.

Лоиҳаи Дастурамали мазкур бо назардошти таҷрибаи муосири бонкдорӣ таҳия гардида, талаботро оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин таъмини амнияти иттилоот ҳангоми ташкили фаъолияти Бюрои таърихи қарз, ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокдорони мубодилаи иттилоотӣ, ташкили назорати дохилӣ,

пешгирӣ намудани хавфҳои иттилоотӣ, ошкор намудани амалу кӯшишҳое, ки ба манфиатҳои иштирокдорони низоми ташаккули таърихи қарз, аз ҷумла субъектҳои таърихи қарз, таъминкунандагони иттилоот ва истифодабарандагони ҳисоботи қарз таҳдид мекунанд, муқаррар менамояд.

Дастурамалӣ мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин Бюроҳои таърихи қарз ва бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи байналхалқӣ таҳия гашта, он заминаи ҳуқуқӣ барои таъмини махфӣ нигоҳ доштани иттилоот, таъмини ҳифзи манбаи маълумоти қарз ва низоми дахлдори системаҳои иттилоотӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии субъектони таърихи қарз шуда метавонад.

Қабули лоиҳаи дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб накарда, ҳамзамон эҳтимоли ба миён омадани хароҷотҳои начандон калони иловагиро барои Бюроҳои таърихи қарз вобаста ба риояи талаботи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур ба миён меорад.

Дар баробари хароҷотҳои зикршуда, иҷроиши талаботи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз ҷониби Бюроҳои таърихи қарз, ба баланд шудани сатҳи сифат ва реҷаи махфияти иттилооти пешниҳодшаванда мусоидат намуда, ба баланд гардидани ҳисси масъулияти Бюроҳои таърихи қарз оварда мерасонад. Дар ин раванд, хароҷотҳои дар боло зикршуда ба пуррагӣ талофӣ гашта, барқарор мегарданд.

Муовини Раис Ҳ.Холиқзода